آوازتاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**20 декабри соли 2025 Шанбе № 102 (15217)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР РЎЗИ АВВАЛИ САФАРИ ТАЪРИХӢ БА ҶОПОН МУЛОҚОТҲОИ ПУРСАМАР ДОИР НАМУД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Сарвазири Ҷопон Санаэ Такаичӣ бо сафари расмӣ дар ин кишвар қарор дорад.***





Дар ҳошияи нахустин ҳамоиши муколамаи «Осиёи Марказӣ + Ҷопон» 19 декабр Сарвари давлати мо бо Император Нарухито, роҳбарияти Парлумон, аъзои Ҳукумат, инчунин роҳбарони ширкатҳои пешсаф ва муассисаҳои молиявӣ мулоқот ва музокирот анҷом дод.





Президент сафари расмии худро ба Ҷопон аз мулоқот бо Император Нарухито оғоз намуд.

Императори Ҷопон зимни истиқболи гарми Сарвари давлати мо таъкид кард, ки сафари кунунии Президенти Ўзбекистон дар роҳи таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дўстӣ ва шарикии стратегии Ўзбекистон ва Ҷопон рўйдоди муҳим ба шумор меравад.

Роҳбари кишвари мо ба Император Нарухито барои дастгирии пайвастаи ислоҳоти бебозгашт дар Ўзбекистони Нав эҳтироми амиқ ва сипосмандӣ изҳор намуд.

Таъкид гардид, ки новобаста аз дурии ҷуғрофӣ, халқҳои ўзбеку ҷопонро наздикии маънавӣ, ҷаҳонбинии муштарак, расму ойин ва арзишҳои оилавӣ, ҳамчунин робитаҳои таърихии чандинасра, ки аз даврони Роҳи бузурги абрешим оғоз мегиранд, бо ҳам мепайванданд.

Бо қаноатмандӣ густариши пайвастаи ҳамкориҳои дуҷониба, бахусус дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисон, инчунин мубодилаҳои фарҳангиву башардўстона зикр гардид. То имрўз беш аз 3 ҳазор мутахассиси ўзбек дар Ҷопон таҷрибаомўзӣ гузашта, зиёда аз 440 нафар дар асоси стипендияҳо соҳиби маълумоти олӣ гардиданд. Дар 7 муассисаи таҳсилоти олии Ўзбекистон забони ҷопонӣ омўзонда мешавад.

Дар доираи сафари кунунӣ Рўзҳои фарҳанги Ўзбекистон дар Токио бо муваффақият баргузор шуданд. Соли оянда дар як қатор шаҳрҳои Ҷопон баргузории намоишгоҳи бостоншиносӣ бахшида ба фарҳанг ва таърихи Ўзбекистон дар назар аст.

Дар поёни мулоқот Роҳбари кишвари мо Император Нарухиторо даъват намуд, ки ба Ўзбекистон сафари расмӣ анҷом диҳад.

Дар мулоқот бо президенти Палатаи мушовирони Парлумони ин кишвар Масаказу Сэкигучи таъкид гардид, ки парлумонҳо дар пешбурди шарикии стратегӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистону Ҷопон нақши муҳим доранд. Намояндагони Палатаи мушовирон дар ҷаласаи ҷашнии 150-уми ассамблеяи Иттиҳоди байнипарлумонӣ, ки моҳи апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Тошканд баргузор гардид, фаъол иштирок карданд.

Ба дастгирии ташаббусҳои парлумонии ҷавонон, аз ҷумла баргузории Форуми вакилони ҷавони парлумонии Ўзбекистон ва Ҷопон, инчунин иштироки ҳайати ҷопонӣ дар Конфронси ҷаҳонии вакилони ҷавони парлумонӣ, ки соли 2026 дар Самарқанд баргузор мегардад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуд.

Ҳамчунин аҳамияти мусоидати ҳамаҷонибаи парлумонҳо ба татбиқи амалии тавофуқоти дар сатҳи олӣ, пеш аз ҳама дар самтҳои густариши ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, молиявӣ, сармоягузорӣ-технологӣ ва фарҳангиву гуманитарии бадастомада таъкид гардид.

Дар рафти мулоқот бо раиси Палатаи намояндагони Парлумони Ҷопон Фукуширо Нукага масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ миёни Ўзбекистон ва Ҷопон ва густариши ҳамкориҳои бисёрҷанба, аз ҷумла тавассути парлумонҳо баррасӣ гардиданд.

Бо қаноатмандии зиёд шиддатнокии сафарҳо ва мулоқотҳои мутақобилаи ҳайатҳои парлумонии ду кишвар қайд гардид. Дар парлумонҳо гурўҳҳои дўстӣ фаъолона амал мекунанд. Моҳи май дар шаҳри Токио форуми навбатии байнипарлумонӣ бо муваффақият баргузор гардид.

Ҳамчунин аҳамияти ба роҳ мондани ҳамкориҳо миёни кумитаҳои соҳавии парлумонӣ, шўроҳои маҳаллии вакилони халқ ва ассамблеяҳои префектураҳои Ҷопон, инчунин мубодилаи таҷрибаи эҷоди қонун дар соҳаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ таъкид гардид.

Президент инчунин бо ноиби президенти Ҳизби либералӣ-демократии Ҷопон, раиси Лигаи дўстии парлумонӣ бо Ўзбекистон Таро Асо, ки ҳамзамон раиси Лигаи дўстӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ низ мебошад, мулоқот анҷом дод.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои мубрами густариши минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ўзбекистону Ҷопон, аз ҷумла тавассути ҳамкориҳои парлумонии ду кишвар, баррасӣ гардиданд.

Ба саҳми Лигаи дўстӣ, бахусус ба фаъолияти раиси он Таро Асо, дар рушди ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистон ва Ҷопон баҳои баланд дода шуд.

Муҳимияти боз ҳам тақвият бахшидани робитаҳои байнипарлумонӣ, инчунин афзоиши нақши «гурўҳҳои дўстӣ»-и парлумонӣ дар пешбурди ташаббусҳои муштарак таъкид гардид.

Дар натиҷаи мулоқот тавофуқ ҳосил шуд, ки соли 2026 дар Ўзбекистон Форуми навбатии байнипарлумонӣ баргузор мешавад.

Лигаи дўстӣ бо Ўзбекистон соли 2002 таъсис ёфта, имрўз беш аз 40 аъзо дорад. Ба ҳайати он шахсиятҳои барҷастаи сиёсии Ҷопон, вакилони бонуфузи парлумон ва дипломатҳо шомиланд.

Дар доираи барномаи сафари расмӣ ба Токио Сарвари давлати мо вазири иқтисод, саноат ва савдои Ҷопон Рёсэй Аказаваро қабул кард.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои мубрами таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ўзбекистону Ҷопон, густариши ҳамкориҳои тиҷоративу сармоягузорӣ ва пешбурди лоиҳаҳои муштарак баррасӣ шуданд.

Сарвари давлати мо бо қаноатмандӣ афзоиши босуръати сармоягузориҳои мустақими Ҷопонро ба иқтисодиёти Ўзбекистон таъкид намуд. Дар солҳои охир шумораи корхонаҳои муштарак 10 баробар зиёд гардида, ҳаҷми умумии портфели лоиҳаҳои амалишаванда аз 20 миллиард доллари ИМА гузаштааст.

Ба таҳкими робитаҳои тиҷоративу сармоягузорӣ, ҳамчунин ба амиқсозии ҳамкориҳои саноатӣ дар чунин соҳаҳо, ба мисли энергетикаи муқобил, декарбонизатсия, ашёи хоми муҳим ва дигар самтҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Аҳамияти таъсиси комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар сатҳи вазирон барои пешбурди барномаҳо ва лоиҳаҳои муштарак таъкид шуд.

Ҳамзамон, дар бораи таҳияи барномаи чорабиниҳо ҷиҳати таҳкими минбаъдаи робитаҳои корӣ бо иштироки фаъоли Созмони оид ба рушди савдои хориҷии Ҷопон (JETRO) ва Ассотсиатсияи ҳамкорӣ дар соҳаи савдо бо кишварҳои ИДМ (ROTOBO) тавофуқ ҳосил гардид.

Мутобиқи барномаи кории сафари расмӣ ба Ҷопон Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо роҳбарони ширкатҳои пешсаф, институтҳои молиявӣ ва иттиҳодияҳои тиҷоратии ин кишвар мулоқот анҷом дод.

Дар чорабинӣ вазири иқтисод, савдо ва саноати Ҷопон Рёсэй Аказава, ҳамчунин топ-менеҷерони корпоратсияҳо ва ширкатҳои бузург, муассисаҳои молиявӣ ва бонкҳо, аз ҷумла Sojitz, Sumitomo, Toyota, ITOCHU, Mitsubishi, Marubeni, Daito Trust Construction, NEC, SBI Holdings, Ajinomoto, Japan Tobacco, Hitachi, Mitsui, Balcom, NEC, Eurus Energy, Chubu Electric Power, Shikoku Electric, Shimizu, Hankyu Travel International, Созмони оид ба таъмини амният дар соҳаи металлҳо ва энергетикаи Ҷопон (JOGMEC), Бонки ҷопонии ҳамкориҳои байналмилалӣ (JBIC), Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷопон (JICA), Ширкати оид ба суғуртаи содирот ва сармоягузории Ҷопон (NEXI), Созмони рушди савдои хориҷии Ҷопон (JETRO), Ассотсиатсияи оид ба савдо бо кишварҳои ИДМ-и Ҷопон (ROTOBO), бонкҳои Norinchukin, SBI Shinsei, Ассотсиатсияи агентиҳои сайёҳии Ҷопон ва дигарон иштирок карданд.

Сарвари давлат ба иштирокдорони мулоқот муроҷиат намуда, таъкид кард, ки ин гуна таркиби иштироки намояндагии васеи бизнеси ҷопонӣ далели равшани сатҳи баланди эътимоди мутақобила ва манфиати устувори ҷонибҳо ба рушди минбаъдаи шарикии иқтисодӣ мебошад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар солҳои охир ҳамкориҳои байни Ўзбекистон ва Ҷопон хусусияти сифатан нав касб кардаанд.

Агар қаблан ширкатҳои ҷопонӣ асосан дар лоиҳаҳои пудратӣ иштирок карда бошанд, имрўз онҳо фаъолона ба иқтисоди кишвар сармоягузорӣ мекунанд, корхонаҳои муштарак таъсис медиҳанд, дар идоракунӣ иштирок менамоянд, технологияҳоро интиқол медиҳанд ва дар тайёр намудани кадрҳои миллӣ саҳм мегузоранд.

Дар натиҷаи ин тағйироти сифатӣ Ҷопон ба яке аз шарикони калидии иқтисодӣ ва технологии Ўзбекистон табдил ёфтааст.

Ин раванд дар нишондиҳандаҳои савдо ва иқтисод низ инъикос меёбад: дар 8 соли охир гардиши мол ду баробар афзуда, шумораи корхонаҳои ҷопонӣ дар Ўзбекистон 10 маротиба зиёд шудааст.

Ҳамкории устувор дар соҳаҳои энергетика, тандурустӣ, геология, технологияҳои иттилоотӣ, инфрасохтор ва дигар самтҳои афзалиятнок ба роҳ монда шудааст.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР РЎЗИ АВВАЛИ САФАРИ ТАЪРИХӢ БА ҶОПОН МУЛОҚОТҲОИ ПУРСАМАР ДОИР НАМУД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар ҷараёни мулоқот Президент ба нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таваҷҷуҳ зоҳир кард.

Таъкид шуд, ки дар 8 соли охир маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ўзбекистон ду баробар афзудааст. То соли 2030 мақсад гузошта шудааст, ки кишвар ба гурӯҳи давлатҳои дорои сатҳи даромади аз миёна боло дохил гардад.

Сарвари давлат тоҷирони Ҷопонро даъват намуд, ки дар равандҳои модернизатсияи иқтисодиёти Ўзбекистон фаъол иштирок кунанд, ки ба суръатбахшии индустриализатсия, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, афзоиши истеҳсолнокӣ ва тавсеаи имкониятҳои содиротӣ равона шудаанд.

Дар ин замина, самтҳои афзалиятноки ҳамкории минбаъда бо доираҳои тиҷоратии Ҷопон муайян карда шуданд.

Таъмини устувории энергетикӣ ва гузариш ба иқтисодиёти «сабз», махсусан рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва системаҳои нигоҳдорӣ, инчунин коҳиши шиддати карбонии иқтисод аз ҷумлаи онҳост.

Ба масъалаҳои коркарди амиқи маъданҳои муҳими стратегӣ бо ташаккули занҷираи пурраи арзиши иловашуда таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Ба самтҳои дурнамо инчунин рушди мошинсозӣ ва таҷҳизоти саноатӣ, ташаккули иқтисоди муосири саноатии баландтехнологӣ мансуб дониста шуданд.

Ба рушди технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла татбиқи барномаҳо дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва рақамикунонӣ таваҷҷуҳи алоҳида дода шуд.

Самти муҳими дигар таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодии муосир номбар шуд, ки бояд ба марказҳои ҷойгиркунии истеҳсолоти баландтехнологӣ ва содиротӣ, инчунин ҳамкории саноатӣ аз ҳисоби автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани системаҳои рақамии идоракунӣ табдил ёбанд.

Аз ҷумла, бо мусоидати JICA лоиҳаи таъсиси минтақаи махсуси иқтисодӣ тибқи модели ҷопонӣ ва стандартҳои он омода карда мешавад.

Дар фарҷом, Президенти кишвар таъкид кард, ки Ўзбекистон Ҷопонро на танҳо сармоягузор, балки ҳамчун шарики стратегии худ дар бунёди саноати оянда арзёбӣ мекунад.

Дар навбати худ, намояндагони доираҳои тиҷоратии Ҷопон омодагии худро барои густариши ҳузури худ дар Ўзбекистон изҳор намуда, нақшаҳои иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои муштаракро дар самтҳои афзалиятнок эълон карданд.

Дар анҷоми мулоқот дар ҳузури Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва вазири Ҷопон Рёсэй Акazава, маросими мубодилаи созишномаҳои дуҷониба баргузор гардид.

Дар мулоқот бо роҳбари Бонки байналмилалии ҳамкории Ҷопон (JBIC) Нобумитсу Ҳаясӣ масъалаҳои мубрами густариши минбаъдаи шарикии стратегӣ бо ин ниҳоди пешсафи молиявӣ баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандӣ қайд гардид, ки ҳамкорӣ бо бонк солҳои охир рушди мусбат касб намудааст. Ҳаҷми умумии портфели лоиҳаҳо аз 5 миллиард доллари ИМА гузашта, соҳаҳое чун нафтукимиё, энергетика, телекоммуникатсия, инфрасохтор, саноати сабук ва дигар самтҳоро дар бар мегирад.

Ба масъалаҳои омодасозии босифати лоиҳаҳои нав ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи лоиҳаҳои ба маблағи зиёда аз 10 миллиард доллар дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, рушди инфрасохтори IT, навсозии низоми тандурустӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок оғозёфта таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Аҳамияти густариши сармоягузорӣ ҷиҳати дастгирии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, инчунин рушди бахши хусусӣ таъкид гардид.

Дар навбати худ, Нобумитсу Ҳаяси ба натиҷаҳои ҳамкории дуҷониба баҳои баланд дода, аз барномаи ислоҳоти густурдае, ки дар «Ўзбекистони Нав» татбиқ мегардад, изҳори ҷонибдорӣ кард.

Нуқтаи навбатии барномаи кории сафари расмӣ ба шаҳри Токио музокироти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо президенти Агентии байналмилалии ҳамкории Ҷопон (JICA) Акихико Танака гардид.

Дар ҷараёни мулоқот ҷанбаҳои амалии густариши минбаъдаи ҳамкории фарогир ва пешбурди лоиҳаҳои муштарак бо ин ниҳоди пешсафи молиявии Ҷопон баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки дар солҳои охир сатҳи хеле баланди шарикии стратегӣ ба даст омадааст. Суръати азхудкунии маблағҳо дар доираи лоиҳаҳо ба таври назаррас афзудааст. Ҳаҷми портфели лоиҳаҳо аз 8 миллиард доллари ИМА гузаштааст.

Ҳоло ташаббусҳои нав ба маблағи зиёда аз 3 миллиард доллар дар чунин соҳаҳо, аз қабили тандурустӣ, энергетика, нақлиёт, мориф, саноат ва дигар самтҳои афзалиятнок мавриди таҳия қарор доранд.

Дар доираи сафар созишномаҳои нав оид ба рушди минтақаҳои иқтисодӣ, маориф, кишоварзӣ, соҳаи нақлиёт ва интиқоли таҷҳизоти тиббӣ ба имзо расиданд.

Ба дастгирии чандинсолаи ҷониби Ҷопон аз фаъолияти Маркази рушди захираҳои инсонии Ўзбекистон–Ҷопон ва Маркази ҷавонони инноватсионӣ баҳои баланд дода шуд.

Ба густариши иштироки Агентӣ дар рушди соҳаи энергетика, дастгирии соҳибкории ҷавонон ва занон, таъмини шуғли аҳолӣ ва мубориза бо камбизоатӣ, тайёр кардани кадрҳои пешрафтаи муҳандисӣ, инчунин густариш додани лоиҳаи «Як деҳа – як маҳсулот» таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуд.

Омодагии мутақобил ҷиҳати ҳарчи зудтар оғоз намудани лоиҳаи таъсиси минтақаи махсуси иқтисодӣ барои сармоягузорони ҷопонӣ изҳор гардид.

Дар фарҷом Сарвари давлат аҳамияти омодасозии саривақтӣ ва таъмини устувории натиҷаҳои лоиҳаҳоро дар доираи Барномаи нави ҳамкорӣ бо JICA то соли 2030 таъкид намуд.

Сипас Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев роҳбарони корпоратсияи Sojitz Corporation Масаёши Фудзимото ва Косукэ Уэмураро ба ҳузур пазируфт.

Дар мулоқот самтҳои асосии густариши минбаъдаи ҳамкорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо ин ширкати пешсафи ҷопонӣ баррасӣ гардиданд.

Аҳамияти суръат бахшидани татбиқи лоиҳаи сохтмони неругоҳи барқии буғу газӣ дар вилояти Сирдарё бо дарназардошти афзоиши талабот ба неруи барқ таъкид гардид.

Ба чунин лоиҳаҳои афзалиятнок, аз қабили сохтмони беморхонаи бисёрсоҳа, фурудгоҳи нави байналмилалии шаҳри Тошканд, неругоҳи барқии бодӣ ва дигар тарҳҳо таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Ташаббусҳо оид ба навсозии клиникаҳои тиббӣ ва объектҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ, таъсиси долони фаромарзии энергияи «сабз”, таҷдиди истгоҳҳои компрессории газ дар минтақаҳои кишвар, инчунин иштироки корпоратсия дар таъсиси минтақаи махсуси иқтисодӣ барои сармоягузорони ҷопонӣ дастгирӣ ёфтанд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев роҳбарони созмонҳои ҷопонӣ JOGMEC ва ITOCHU Corporation Ичиро Такахару ва Ҷун Иноматаро қабул кард.

Дар мулоқот масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкории амалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо истифода аз навтарин технологияҳои ҷопонӣ баррасӣ гардиданд.

Ба иштироки JOGMEC дар ҳамкорӣ бо ITOCHU Corporation дар азхудкунии конҳои уран дар вилоятҳои Навоӣ ва Қашқадарё баҳои баланд дода шуд. Ҳамчунин, нақшаҳои ширкатҳо ҷиҳати истихроҷи металлҳои қиматбаҳо дар конҳои ояндадори минтақаҳои гуногуни кишварамон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Қайд гардид, ки Ўзбекистон бо ITOCHU Corporation дар соҳаҳои мошинсозӣ, геология ва инфрасохтор таҷрибаи чандинсолаи ҳамкорӣ дорад. Ба даст омадани созишномаҳои дарозмуддат оид ба содироти маъданҳои муҳими стратегӣ ба Ҷопон бо қаноатмандӣ зикр шуданд.

Ба самтҳои нави ҳамкорӣ, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи тозакунии об, саноати автомобилсозӣ, навсозии низомҳои идоракунии ҳаракати ҳавоӣ, инчунин лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Дар идомаи барномаи корӣ дар шаҳри Токио Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев президенти ширкати Sumitomo Corporation Шинго Уэнoро ба ҳузур пазируфт.

Дар мулоқот масъалаҳои рушди минбаъдаи шарикии стратегӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои энергетика ва саноат баррасӣ гардиданд.

Бо қаноатмандӣ оғози сохтмони ду неругоҳи барқии офтобӣ ва системаҳои захиракунии энергия дар вилояти Самарқанд қайд шуд. Ҳамчунин, аҳамияти суръат бахшидани татбиқи лоиҳаи ба ин монанд дар асоси неругоҳҳои бодӣ ва батареяҳо дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон таъкид гардид.

Нақшаҳои ширкат оид ба иштирок дар истеҳсоли маҳсулоти кабелии шиддаташ фавқулбаланд ва навсозии парки автомобилҳои ёрии таъҷилӣ мувофиқа карда шуданд.

Дар анҷоми мулоқот Сарвари давлат пешниҳод намуд, ки барномаи ҳамкорӣ бо корпоратсия то соли 2030 қабул карда шавад.

Дар анҷоми чорабиниҳои рӯзи аввали сафари расмӣ ба шаҳри Токио Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар қабули расмӣ аз номи Сарвазири Ҷопон иштирок кард. Қабул дар қасри Акасака ба ифтихори сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид.

Сарвари Ўзбекистонро Сарвазири Ҷопон Санаэ Такаити истиқбол гирифт.

Дар чорабинӣ ҳамчунин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов иштирок намуданд.

Музокироти Сарвари кишвари мо бо роҳбари ҳукумати Ҷопон, инчунин чорабиниҳои асосии нахустин нишасти ҳамоиши «Осиёи Марказӣ + Ҷопон» 20 декабр баргузор хоҳанд шуд.

**ЎзА.**

***Ходимони прокуратура ва Хадамоти амнияти давлатӣ бар асари пиёда кардани як амалиёт мутахассиси идораи кадастрро боздошт карданд. Тавре ки хадамоти матбуоти Прокуратураи генералӣ хабар медиҳад, дар амалиёт мутахассиси филиали ноҳияи Олтиариқи корхонаи давлатии «Идоракунии замин ва кадастри амволи ғайриманқул» ва чанд нафари дигар боздошт шудаанд. Онҳо аз як соҳибкори маҳаллӣ 30 ҳазор доллари амрикоӣ тамаъ карданд.***

# БА ҶИНОЯТКОР — ҶАЗО МУҚАРРАР

Гуфта мешавад, ки ин пул барои қарори ҳокими ноҳия дар бораи ҷудо кардани 5 гектар замин талаб карда шудааст, ки машғули боғпарварӣ шавад. Кормандӣ кадастр ва афроди дигар ҳангоми гирифтани 22 ҳазор доллар ва 28,5 миллион сӯм боздошт шуданд.

Бино ба ин манбаъ нисбати боздоштшудагон тибқи моддаҳои 168 (қаллобӣ), 28 (шарики ҷиноят) ва 211 (ришвахорӣ)-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ўзбекистон парвандаи ҷиноӣ кушода шуд ва тафтишот идома дорад.

Дар хабари дигар омадааст, ки бо саъйи кормандони Садорати бахши вилоятии Хадамоти амнияти давлатӣ ва идораҳои интизомӣ як сарнозири шӯъбаи ноҳияи Риштони Агентии кадастри вилояти Фарғона зимни фасодкорӣ боздошт шудааст. Дар рафти тафтишоти ибтидоӣ ин сарнозири агентии кадастр эътироф кардааст, ки ба як шаҳрванд барои халосӣ аз ҷаримае кумак кардан хост, ки дар минтақаи истиқоматии худ замини иловагӣ ба даст оварад ва онро таҳти сохтмон қарор диҳад. Вай барои он ки заминро ғайриқонунӣ ишғол кардааст, 84 миллион сӯм ҷарима шудааст.

– Ман ба шаҳрванд роҳи осони халосӣ аз ин вазъиятро нишон додам ва дар ивази ҷарима накардан ва қонунӣ карда додани замин 400 доллари ИМА талаб кардам. Аммо ҳангоми гирифтани маблағи дархостшуда дар назди бинои идораи кадастр бо далелҳо боздошт шудам, – гуфтааст нафари боздоштшуда.

Кормандони идораҳои интизомӣ аз як ҷинояти дигар низ ҷилавгирӣ кардаанд. Гуфта мешавад, як корхонаи хусусӣ, ки ба фаъолияти корҳои сохтмон машғул аст, моҳи октябри соли равон аз роҳи шаффоф дар тендер ғолиб баромадааст. Ин тендер, ки дар бинои маъмурии муассисаи давлатии «Фарғона сув қурилиш инвест» сурат гирифтааст ва барои анҷом додани таъмири асосӣ эълон шудааст, дорои маблағи 850 миллион сӯм арзёбӣ мешавад.

Сармуҳандиси ин муассисаи давлатӣ ва ҳамтоёни ӯ бо ҳам забон як карда, аз роҳбари корхонаи хусусии ғолиб 5500 доллари ИМА талаб кардаанд, то ки вай иҷозаи шурӯъи корҳоро ба даст оварад. Дар рафти чораҳои фаврӣ афроди фавқуззикр ҳангоми гирифтани 5000 доллари ИМА боздошт шуданд. Айни замон, алайҳи ин шахсон тибқи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноӣ парвандаҳо боз гардиданд ва корҳои тафтишотӣ идома доранд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Моҳона*

# ДАР МОҲИ БЕХАТАРӢ АЗ СӮХТОР ФАЪОЛ БОШЕМ

Афзоиши ниёз ба дастгоҳҳои гармидиҳӣ дар зимистон боиси зиёд шудани хатари сӯхтор мегардад.

Барои пешгирии ҳолатҳои марбут ба сӯхтор, дар кишвари мо аз 1 то 31 декабри соли ҷорӣ «Моҳи бехатарӣ аз сӯхтор» эълон карда шудааст. Бо ин мақсад, раисони маҳаллаҳо, фаъолони ҷамоати шаҳрвандон чорабиниҳо ташкил мекунанд. Аз ҷумла, дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қошғар»-и ноҳияи Юнусобод бахшида ба корҳои мавсими зимистон, пешгирӣ аз сӯхтор ва ҳодисаҳои нохуш, ба аҳолӣ фаҳмондани истифода аз дастгоҳҳои гармидиҳӣ, риоя намудан ба қоидаҳои бехатарӣ, бе назорат ва танҳо намондани бачагони хурдсол ва дигар масъалаҳои марбут ба ин соҳа чорабинӣ баргузор гардид. Ҳадафи асосии чорабинӣ суръат бахшидан ба корҳое мебошад, ки барои таъмини бехатарии сӯхтор дар иншооти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин мавзеъҳои истиқоматӣ анҷом дода мешавад ва иштироки шаҳрвандон дар ин корҳо таъмин карда мешавад. Аз оғози моҳонаи бехатарӣ аз сӯхтор соҳибони манзил, ширкатҳо, инчунин ташкилотҳое, ки ба хизматрасонии печҳо ва дудкашҳо масъуланд, бо кӯмаки мутахассисон ба кор оғоз намудаанд. Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки то имрӯз як қатор ҷамъомаду семинарҳо барои таблиғи талаботи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ва баланд бардоштани дониш ва малакаҳои шаҳрвандон дар ин самт баргузор шудаанд. Барои огоҳ намудани аҳолӣ аз истифодаи оташдонҳои гармидиҳӣ ва дастгоҳҳои газӣ, пешгирии омехтаҳои газ-ҳаво, заҳролудшавии шаҳрвандон аз газ ва дигар ҳолатҳои нохуш суҳбатҳо гузаронда шуданд.

Имрӯзҳо гувоҳи ҳодисаҳои нохуши гирду атроф ё аз шабакаҳои иҷтимоӣ ҳодисаҳои оид ба сар задани сӯхторро мефаҳмем. Дар натиҷаи нафаҳмидан, бепарвоӣ ва беэтиборӣ чунин ҳолатҳои нохуш сар мезананд, оилаҳо, кӯдакон осеб мебинанд, ҳатто ба ҳалокат мерасанд.

Биёед, азизон, бепарво набошем, оила, ҳамсоя ва маҳаллаи худро аз ҳодисаҳои нохуш эҳтиёт кунем, ба қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор риоя намоем.

**К. ҲАСАНОВ,**
**сардори шуъбаи ҳолатҳои фавқулодаи Маркази маънавият ва маърифати шаҳри Тошканд.**

*Ҳамкории байналмилалӣ*

# РОҲИ ОҲАНИ “ЧИН — ҚИРҒИЗИСТОН — ЎЗБЕКИСТОН”: АҲАМИЯТИ ТАЪРИХӢ ВА СТРАТЕГӢ

*Оғози сохтмони роҳи оҳани “Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон”, ки лоиҳаи бузурги байналмилалӣ мебошад, на танҳо бароиояндаи мамлакати мо, балки тамоми минтақа воқеаи бениҳоят муҳим гардид.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ***



Некҳамсоягӣ ва роҳандозии ҳамкориҳои самарабахш дар соҳаҳои гуногун миёни Ўзбекистон ва як қатор кишварҳои ҳамсоя дар солҳои охир мазмуну моҳияти тоза пайдо кардааст. Хусусан, муносибатҳои иқтисодии Ўзбекистон бо Қирғизистон ва Чин, ки кишварҳои ҳамҷавору ҳампайванданд, рӯз то рӯз мустаҳкам мегарданд.

Гуфта мешавад, ки роҳи оҳан «шоҳраги иқтисодиёт» аст. Ба ҳам пайвастани ин кишварҳо тавассути роҳи оҳан бешубҳа ба рушди ҳамаҷониба ва тавсеаи муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Сарони давлатҳо низ борҳо ба ин мавзӯъ махсус ишора кардаанд.

Ҳанӯз соли 1997 корҳои муқаддамотӣ оид ба сохтмони роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон» оғоз гардида буданд. Вале бо сабабҳои гуногун — аз ҷумла тӯл кашидани музокираҳо ва мушкилоти молиявӣ лоиҳа тайи чаҳоряк аср амалӣ нашуд. Ниҳоят, бо иштироки масъулони се кишвар санади муҳим ба имзо расид.

Қадамҳои устувор дар роҳи мустаҳкамсозии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва нақлиётӣ дар минтақа, инчунин таҳкими ҳамкориҳои бисёрҷониба байни ҷумҳуриҳои дӯсту ҳамҷавор, воқеан, ҳамчун рӯйдоди муҳим арзёбӣ мегардад.

Бар асоси ҳуҷҷати мазкур, долони байналмилалии нақлиётӣ аз рӯйи варианти комбинатсияшудаи самти «Қошғар – Торугарт – Макмал – Ҷалолобод – Андиҷон» татбиқ мешавад.

Моҳи июни соли 2024 Президент Шавкат Мирзиёев иштирокдорони маросими имзои санади татбиқи лоиҳаи стратегии сохтмони роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон»-ро муборакбод намуда, таъкид кард, ки ин роҳ ба густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Чин, таҳкими дӯстии халқҳо ва амиқ гардидани муносибатҳои стратегии бисёрҷабҳа хидмат хоҳад кард.

Дар ин маврид бидуни ихтиёр Роҳи бузурги абрешим ба ёд меояд, ки асрҳо мавҷуд буд ва кишварҳои зиёди Машриқзаминро ба ҳам мепайваст. Ин роҳ, ки аз сарзамини бостонии мо низ мегузашт, ба табодули тиҷоратӣ ва фарҳангӣ хизмати шоён кардааст. Президенти кишвар барҳақ таъкид намуд, ки роҳи нави оҳани «Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон» дар маънии том идомаи муосири он роҳи таърихӣ мебошад.

Ин роҳ наздиктарин масири хушкигард барои пайвасти Ўзбекистон бо Чин хоҳад шуд ва ба васеъ шудани ҳаҷми боркашонӣ, беҳтар гардидани сифату самаранокии интиқол, сарфаи вақт ва паст гардидани арзиши хизматрасонӣ мусоидат мекунад. Тибқи арзёбии мутахассисон, ҳаҷми солонаи боркашонӣ метавонад то 15 миллион тонна расад. Мӯҳлати интиқоли мол ба истеъмолкунандагон то 7 рӯз коҳиш мeёбад. Дар баробари ин, инфрасохтори нави транзитӣ, логистикӣ, анбору терминалҳо таъсис дода мешаванд.

Амалӣ гардидани лоиҳа таъсири иқтисодии бузург дорад. Дар ҳар се кишвар даҳҳо корхонаҳои нав бунёд ва ҳазорон ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешаванд. Ҳаҷми мубодилаи мол ва доираи кооператсияи саноатӣ васеъ мегардад, ҷозибияти сармоявӣ боло меравад ва сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар хоҳад шуд.

Президенти Ўзбекистон ҳамчунин зикр кард, ки ин роҳ дар оянда барои тавассути долони Трансафғон ба бозорҳои кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқи Наздик бидуни мушкил ворид шудан имкон медиҳад. Ба гуфтаи ӯ, барои татбиқи лоиҳа дар қаламрави Ўзбекистон тамоми инфрасохтори зарурӣ муҳайё шудааст.

Тибқи маълумоти расмӣ, 27 декабри соли 2024 Президенти Қирғизистон Садир Ҷапаров зимни сафараш ба вилояти Ҷалолобод ба сохтмони роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон» оғоз бахшид. Ӯ таъкид намуд, ки ин роҳ на танҳо долони нақлиётӣ, балки «кӯпруки муҳими стратегӣ» аст, ки кишварҳои Шарқу Ғарбро ба ҳам мепайвандад.

Роҳ имкон медиҳад, ки молу маҳсулот бидуни мамониат аз Чин тавассути Қирғизистон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва тариқи Эрону Туркия ба шабакаи аврупоии роҳҳои оҳан интиқол дода шаванд.

Дарозии умумии роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон» 486 километр мебошад. Тахминан 312 километри он аз қаламрави Қирғизистон мегузарад. Дар доираи татбиқи лоиҳа сохтмони 18 истгоҳ, 50 кӯпрук ва 29 нақб бо дарозии умумии беш аз 120 километр дар назар аст. Ин маънои онро дорад, ки қариб 40 фоизи роҳ тавассути нақбу пулҳо мегузарад.

Дар қаламрави Чин корҳои сохтмон ва маблағгузорӣ пурра аз ҷониби худи Чин анҷом дода мешаванд. Онҳо дар корҳои бунёдкории Қирғизистон низ иштирок мекунанд. Дар Ўзбекистон бошад, чанд километри роҳ сохта шуда, ба шоҳроҳе, ки аз Қирғизистон ворид мегардад, пайваст хоҳад шуд. Арзиши умумии лоиҳа 4,7 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

– Мо чанде пеш созишномаи кредитӣ оид ба маблағгузории лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани «Чин - Қирғизистон - Ўзбекистон»-ро имзо кардем, – мегӯяд директори генералии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Ширкати роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Ўзбекистон” Чжоу Син. – Тибқи созишнома қариб нисфи маблағ – 2,3 миллиард доллар аз ҷониби Чин ҳамчун кредит ба ширкати муштараки лоиҳавӣ, ки аз ҷониби се кишвар таъсис дода шудааст, ба мӯҳлати 35 сол дода мешавад. Кредит мустақиман аз ҷониби ширкати лоиҳавӣ пардохт карда мешавад. 2,3 миллиард доллари боқимонда дар асоси сармояи оинномавии ширкати муштараки лоиҳа сармоягузорӣ хоҳад шуд. Чин — 51 фоиз, Қирғизистон ва Ўзбекистон – ҳар яке 24,5 фоизӣ. Бояд гуфт, ки ширкати муштараки лоиҳа на танҳо ба истифодаи самараноки маблағҳои ҷалбшуда, балки ба таъмини иҷрои боэътимод ва саривақтии ҳамаи ӯҳдадориҳо дар асоси созишнома бояд диққат кунанд.

Бояд гуфт, ки лоиҳа робитаҳои байниминтақавиро тақвият бахшида, ба диверсификатсияи роҳҳои нақлиётӣ ва боло бурдани рақобатпазирии хидматрасониҳои транзитӣ мусоидат мекунад. Дар Ўзбекистон низ роҳҳои оҳану автомобилгарди муосир васеъ мешаванд ва бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ҷараёнҳои боркашонӣ босамартар мегарданд.

Имрӯз кишвар омода аст, ки дар асоси «харитаи роҳ» ва баробари пешрафти сохтмони роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон ҳамкориҳоро муттасил идома диҳад.

Ин лоиҳаи дарозмуддат, ки ба манфиатҳои умумии халқҳои Чин, Қирғизистон ва Ўзбекистон ҷавобгӯст, аҳамияти таърихӣ ва стратегӣ дошта, барои таҳкими риштаҳои дӯстиву ҳамбастагӣ дар минтақа, рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун ва боз ҳам пурқувват гардидани робитаҳои иқтисодиву гуманитарӣ хидмат хоҳад кард.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**

# НАТИҶА ХУБ АСТ, ВАЛЕ ...

***Марҳилаи вилоятии озмуни донишомӯзон аз фанҳои таълимӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ низ ба поён расид. Дар ин озмун толибилмони мактабҳои ноҳияи Нурато низ фаъолона иштирок намуданд.***

Корманди шуъбаи таълими халқи ноҳия Икром Ҷӯраев бо мамнуният рӯйхати ғолибони марҳилаи сеюми озмуни фанҳои асосиро пешниҳод намуд.

Дар озмуни вилоятӣ донишомӯзони мактабҳои тоҷикӣ низ иштирок намуда, ба натиҷаҳои хуб ноил гардиданд.

Толибилмони синфи 9-ум Қурбонгул Пардаева (мактаби рақами 43), Хайём Додоев (мактаби рақами 49), Интизора Худойбердиева (мактаби рақами 43) мутобиқан ҷойҳои 1-3-юмро ишғол намудаанд.

Хонандагони синфи 10-ум Азиза Низомова (мактаби рақами 30), Шарофат Ҳакимова (мактаби рақами 43), Ӯғилой Саломатуллоева (мактаби рақами 38) аз забони тоҷикӣ дар ҷойҳои якуму дуюму сеюм қарор гирифтанд.

Хатмкунандагон Ганҷина Ҷумъаева (мактаби №43), Шаббона Амонбоева (мактаби №30) ва Шаббона Аҳмадова (мактаби №21) ҷойҳои 1-3-юмро ишғол намуданд. Ганҷина Ҷумъаева соли хониши гузашта ҳам дар озмуни вилоятӣ аз забони тоҷикӣ мақоми аввалро гирифта буд.

Толибилмони мактабҳои таълимаш ба забони тоҷикӣ дар марҳилаи вилоятии озмун аз фанни забони давлатӣ низ фаъолона иштирок намуданд. Хонандагони синфи 9-ум Райҳона Раҳимова (мактаби №30), Аслиддин Нуриддинов (мактаби №38), Фарангис Субҳонова (мактаби №30) ҷойҳои 1-3, хатмкунандаи мактаби №49 Малика Қӯзибоева ҷойи сеюм, хонандаи синфи 9-уми мактаби №49 Умед Абдукаримов аз фанни ҷуғрофия ба гирифтани ҷойи сеюм сазовор гардиданд.

Албатта, самараи бадастовардаи толибилмони вилоят хурсандиовар аст. Чунки дар вилояти Навоӣ дар беш аз чиҳил мактаб таълим ба забонҳои қазоқиву русӣ сурат мегирад.

Ғолибони ҷойҳои якум 2 миллиону 472 ҳазор сӯм, ҷойи дуюм 1 миллиону 648 ҳазор сӯм ва ҷойи сеюм 1 миллиону 236 ҳазор сӯм мукофотҳои пулиро ба даст оварданд, ҳамчунин соҳиби туҳфаҳои хотиравӣ гардиданд.

Боиси таассуф аст, ягон нафар толибилми мактабҳои тоҷикӣ дар марҳилаи вилоятии озмун аз фанҳои математика, физика, биология, ҳуқуқ ва забонҳои англисиву русӣ ҷойи сазовор нагирифтанд. Ин ҳодиса бояд омӯзгорони фанҳои мазкурро ба андеша водор созад. Рост аст, бисёр наврасони ба ин фанҳо шавқманд пас аз хатми синфи 9-ум ба шаҳр ба литсейу коллеҷҳо мераванд. Замоне мактабҳои деҳоти тоҷикнишин дар вилояти Навоӣ бо унвони «Минтақаи математикҳо» шуҳрат пайдо карда буд. Роҳбарон ва омӯзгорони литсейҳои шаҳри Навоӣ, ба таъбир, остонаи мактабҳоро «хӯрда» мекарданд: «Хонандаатонро ба мо фиристонед», мегуфтанд. Афсӯс, ин унвони муътабар имрӯз ба фаромӯшӣ рафтааст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ЗАБОНИ МАН – ҶАҲОНИ МАН

***Дар қасри «Баркамол авлод»-и шаҳри Самарқанд марҳилаи вилоятии олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз фанҳои гуногун ҷамъбаст ва 135 нафар ғолибон муайян шуданд, ки намояндагони мактабҳои тоҷикӣ низ аз шоҳсуфаи фахрӣ ҷой гирифтанд.***
***Сардори садорати таълими томактабӣ ва мактаби вилояти Самарқанд Музаффар Ҳамдамов ба ғолибони озмун мукофотпулӣ ва роҳхат ба озмуни ҷумҳуриявиро супурд.***




Хонандаи синфи 9-уми мактаби миёнаи рақами 13-уми ноҳияи Нуробод Райҳона Нуруллоева ҷойи аввал, талабаи мактаби 43-юми ноҳияи Самарқанд Роҳила Валиева ҷойи дуюм ва хонандаи мактаби рақами 54-уми ноҳияи Самарқанд Зӯҳро Қурбонова ҷойи саввумро ишғол намуданд.

Рақобат дар байни талабагони синфи 10-ум низ диққату эътибори ҳозиронро ба худ кашид. Шоҳсуфаи баланд ба толибилми мактаби миёнаи рақами 43-юми ноҳияи Самарқанд Рисқия Аҳтамова, ҷойи дуюм ба хонандаи мактаби рақами 65-уми ноҳияи Нуробод Нигина Абдумаҷидова ва ҷойи савум ба намояндаи мактаби рақами 37-уми ноҳияи Самарқанд Шоҳидабону Амонова расид.

Қувваозмоӣ дар байни хонандагони синфи 11-ум низ пуршиддат анҷомид. Хатмкунандаи мактаби миёнаи рақами 43-юми ноҳияи Самарқанд Райҳона Усмонова ба шоҳсуфаи баланд баромад. Аз шафати ӯ намояндаи мактаби рақами 120-уми ноҳияи Пастдарғам Азиза Абдуғаффорова ва мактаби рақами 30-юми ноҳияи Самарқанд Лайло Сироҷиддинова ҷой гирифтаанд.

Албатта, дар комёбиҳои назарраси шогирдон хидмати шоистаи устодони соҳибтаҷриба Саноат Аҳадова, Мушаррафа Ҳотамова, Шаҳноза Бозорова, Саодатбону Алиева, Гулшода Оқсоқолова, Гулбаҳор Хушвақтова, Зарнигор Ҷумъаева ва дигарон бузург аст.

– Ман хеле хушҳол ҳастам, ки якбора ду нафар шогирдонам соҳиби ҷоиза шуданд, – бо ҳисси шодмонӣ лаб ба сухан кушод омӯзгори мактаби миёнаи рақами 43-юми ноҳияи Самарқанд Саноат Аҳадова, – таъкид кардан бамаврид аст, ки дар таҳсил ба натиҷаҳои матлуб ноил шудан, пеш аз ҳама, ба муаллимони забон ва адабиёти тоҷик, саъю кӯшиш, меҳнату риёзати мо вобаста аст. Зеро сабақи омӯзгор, ҳар як ҳаракат, оҳанги гуфтор, тарзи талаффуз, сурату сират ва ҷаҳонбинии ӯ ба шогирдон бетаъсир нахоҳад монд. Камина беш аз сӣ сол боз ба насли наврас таълиму тарбият медиҳам ва шояд аз ҳамин сабаб рӯҳияти толибилмон ва хоссатан аз усулҳои ба адабиёт, забони модарӣ бедор кардани меҳру муҳаббат огоҳ ҳастам.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

# САҲМГУЗОРИ МАЪНАВИЯТИ МАРДУМ

***Номзади илмҳои филологӣ, корманди пешбари Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти АФ Ӯзбекистон, профессор Эргаш Очилов 14 ноябри соли 1965 дар деҳаи Янгиқишлоқи ноҳияи Шофиркон дида ба дунё кушодааст. Аҳли деҳа мисли бухороиёни имрӯза дар хона ба забони модариву дар мактаб ба забони ӯзбекӣ гуфтугу доштанд, яъне бачагон аз хурдсолӣ ҳар ду забонро омӯхта ба камол мерасиданд.***



Ман бо Эргаш Очилов соли 2007 шинос шуда будам. Дар маҷлисгоҳи бинои ҳокимияти ноҳия барои таҷлили зодрӯзи нависандаи шинохта Аҳад Ҳасан меҳмонони зиёд ҷамъ омада буданд. Як олими машҳур маърӯзаи дурударози қолабиро тайи 50 дақиқа хонд. Вақте барандаи чорабинӣ шоир Тошпӯлод Аҳмад навбати суханро ба Эргаш Очилов дод, иштирокдорон нафаси сабуке кашиданд.

– Бино ба хабаре, ки то ба мо расид, ҳафтодсолагии устод Аҳад Ҳасан ҷашн гирифта мешавад, аммо ман ба эшон нигариста, ҷавонмарди чилсоларо мебинам, – гуфт Э. Очилов. – Фикр мекунам, мо имрӯз сисолагии ба чиҳил қадам ниҳодани устодро таҷлил мекунем...

Нотиқ нафақат бо донишу зеҳни баланд, балки латифгуфториаш диққати аҳли маҷлисро ҷалб карда тавониста буд...

Он солҳо дар муҳити адабии Шофиркон насрнависон Аҳад Ҳасан, Абдураззоқ Қӯша, дар ҷодаи назм Амон Абдулло ва Илҳом Раҷаб пешқадам буданд. Муваффақиятҳои илмии олимони ҷавоне чун Қаҳрамон Раҷабов, Эргаш Очилов, Олимҷон Тӯлабоев ва Дилшоди Раҷаб моро хурсанд мекард.

Дар Тошкандшаҳр таҳти васояти сафоратхонаи Эрон маҷаллае бо номи «Сино» нашр мешуд, ки дар он таҳқиқоти навтарини олимони Эрон ва мамлакатамон рӯйи чопро медиданд. Муҳарририи онро Эргаш Очил дар ухда дошт. Матолиби он дар байни мо – ҳамдиёрони Э. Очилов мавриди муҳокима қарор мегирифтанд. Аз ин лиҳоз то ҳол чандин нусхаи он дар китобхонаи шахсии ман маҳфуз мебошад.

Профессор Эргаш Очил дар Донишкадаи омӯзгории Қӯқанд, Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд дарс гуфтааст ва тавре ки таъкид шуд, аз соли 1992 инҷониб дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ӯзбеки АФ Ӯзбекистон кор мекунад.

Ӯ ҳашт забонро медонад ва пешаи асосиаш низ тарҷумонӣ мебошад. Мавзӯи таҳқиқоташ низ тарҷума ва тарҷумашиносӣ буд. Чун сари мизи корӣ нишаст, тамоми ташвишҳои дунёро фаромӯш мекунад, аз пайи кор мешавад. Шояд аз ин сабаб асарро мукаммал тарҷума карда, гуфтаниҳои муаллифро бо маънои пуррааш ба хонанда расонда метавонад. Ман меҳнати пурсамари Э. Очиловро мушоҳида ва китобҳои бешуморашро мутолиа намуда, хидматҳои ӯро дар баланд бардоштани маънавияти мардум ҷасорат меномам.

Чун ӯ ба зодгоҳаш – деҳаи Янгиқишлоқ ояд, ҳама барои дидани фарзанди пойтахтнишину баҳра бардоштан аз суҳбати дилнишинаш мешитобанд. Хушхабари дигар ин аст, ки Эргаш Очилов, ҳарчанд асарҳои бисёру мақолаҳои илмии беадад навиштааст, танҳо дар арафаи 60-солагӣ ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон пазируфта шуд.

Роҳбари давлатамон ҳангоми сафари расмӣ ба Туркманистон ба сарвари вақти ҳамсоякишвар Гурбангулӣ Бердимуҳамедов тарҷумаи китоби Махтумқулиро туҳфа карданд, ки тарҷумони он Э. Очилов аст. Ғайр аз ин, Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев ҳини сафари худ ба Тоҷикистон низ ба роҳбари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон китоби Эргаш Очиловро, ки аз тарҷумаи гулчини осори эҷодиёти классикони мо Шайх Саъдӣ, Умари Хайём, Бобо Тоҳир ва дигарон иборат буд, туҳфа карданд. Эргаш Очил шеърҳои шоири маъруфи кишварамон Паймонро аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ баргардондааст.

Хидматҳои Э. Очилов аз ҷониби ҳукумати кишвар қадрдонӣ шудаанд. Ӯ соли 2021 бо ордени «Меҳнат шӯҳрати» сарафроз гардид. Академияи илмҳои Туркманистон бошад, ӯро барои тарҷумаи ғазалҳои Махтумқулӣ ва тарғиби адабиёти туркман бо медали «Махтумқулӣ Фироғӣ» (соли 2014) қадрдонӣ намуд.

**Алимурод ТЕМИРОВ,**
*вилояти Бухоро.*

*Дар нигористон*

***Дар намоишгоҳи Қасри фарҳанги байналхалқии Икуо Хироямаи Академияи бадеии Ӯзбекистон намоишгоҳи шахсии рассом Баҳодур Зокиров баргузор гардид.***

# НАМОИШИ ЭҶОДКОРИ БИСЁРҶАБҲА

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки эҷодкор дар оилаи яке аз намояндагони машҳури санъатамон тарбия ёфтааст. Баҳодур аз хурдӣ ба санъат шавқи зиёд дошт. Ӯ набераи Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Карим Зокиров ва Шоиста Саидова мебошад. Асрори санъатро аз падару модари худ Ботир Зокиров ва Эрклӣ Меликбоева азхуд кардааст. Муҳити оилавӣ ӯро нафақат рассом, балки чун композитор, шоир, коргардон, ҳунарпеша ба воя расонд.

Баҳодур Зокиров соли 1965 дар шаҳри Тошканд ба дунё омадааст.

Дар намоишгоҳ «Квартет», «Скрипка», «Чойхона», «Дуэт», «Кулол», «Дарвеш», «Хоб», «Хотира», «Рӯз», «Арӯс», «Духтар», «Тирамоҳ», «Саҳна», «Тиреза», «Сирк» ва дигар асарҳояш мухлисони санъатро бефарқ нагузошт.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

*Ба ҷойи табрик*

# УМРИ ДУРАХШОНИ УСТОД

Дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистону Афғонистон, Эрону Озарбойҷон, Доғистони Русия мавзеъ ва маконҳои хурду бузург бо номи Дарбанд мавҷуданд. Дар ноҳияи Бойсуни воҳаи Сурхондарё низ деҳаи дилфиребе бо ин ном ҳаст.

Устод Юсуф Ваљизода зодаи ана ҳамин деҳа мебошад.

Бошандагони он бо ин ҳамдиёрашон ба маънии ҳақиқии сухан ифтихор доранд.

*Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеч оҳан ханҷари тезе нашуд.*
*Ҳеч муллое нашуд Мавлои Рум,*
*То муриди Шамси Табрезӣ нашуд,*
– фармудааст шоир.

Дар ин мисраъҳо роҳи зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии устод комилан таҷассум ёфтааст.

Вақте бо устод ҳамсуҳбат мешавед, муҳаббату миннатдории ӯро аз устодони собиқи худ дарк мекунед.

Дар бораи фазилатҳои наҷиби мавсуф ҳар қадар бигӯем, кам аст. Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки эшон дар ҳар масъала ҳозирҷавобанд, ба ҳар кор бо масъулияти том муносибат мекунанд. Вақте шогирдон дар ҳалли мушкилоте дармемонанд, устод қотеъона, бо афкори равшан роҳи ҳалли масъаларо мефаҳмонанд. Дар маҳфилҳои адабӣ ё ҷаласаҳои илмӣ бо зарофатгуӣ, шеърҳои зебо ва гуфтори шавқовари худ ширкат меварзанд, ба ҳозирон кайфияти хуш мебахшанд.

Устод аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Маркази фарҳанги тоҷикони вилояти Сурхондарё ҳамчун узви фаъоли он дар тадбир, ҷамъомад ва чорабиниҳо ҳатман иштирок мекунанд, фикри худро иброз медоранд. Эшон танҳо як сухангӯи одӣ не, балки суханваре ҳастанд, ки шунавандаро ҷалб ва муассир карда метавонанд. Ҳазрати Ҷомӣ барҳақ мегӯяд:

*Дар булӯрин садафи чархи куҳан,*
*Нест зебо гуҳаре беҳ зи сухан.*

Худованд санъати суханвариро ба ҳар кас надодааст, бояд таъкид кард, ки устод соҳиби чунин ҳунари нодир ҳастанд.

Ваљизода китобхонаи ғанӣ доранд, шеър ва навиштаҳои эшон ба дилҳо роҳ меёбанд, қалбҳоро ба ҳаяҷон меоранд, ба рӯҳу равон таровати хос мебахшанд. Хусусан, вақте шеърҳои «ширу шакар», дузабонаи худро бо муҳаббат мехонанд, намояндагони халқ ва миллатҳои гуногун онҳоро бо эҳтироми зиёд мепазиранд. Дар чорабиниҳое, ки таҳти шиори "Ӯзбекистон – хонаи умумии мо" баргузор мешаванд, суханҳои пурмаънӣ ва андешаҳои амиқи устод хеле арзишманд ва судманд мебошанд.

Юсуф Валиқулов 20-уми декабри соли 1936 дар деҳаи Дарбанди ноҳияи Бойсун, аз оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 1953 мактаби миёнаи рақами 9-уми деҳаро бо баҳои хубу аъло хатм мекунад. Сипас ба шуъбаи таърихи Донишгоҳи давлати Тоҷикистон дохил мешавад. Солҳои донишҷӯӣ ҳамчун донандаи мукаммали забонҳои русиву ӯзбекӣ шинохта мегардад. Ҳамон солҳо дар қалби ӯ шавқи омӯзиши фалсафаи халқҳои Осиёи Марказӣ пайдо мешавад. Соли 1958 донишгоҳро бомуваффақият хатм карда, барои кор ба Саридораи адабиёти Тоҷикистон роҳхат мегирад. Ин роҳхат бисёр муҳим буд, зеро имкон медод дар Душанбе кор кунад, ба корҳои илмӣ машғул шавад.

Соли 1961 дар пояи ихтисоси "Таърихи фалсафа" ба аспирантураи назди Академияи улуми Тоҷикистон дохил шуда, таҳти роҳбарии академик М. Баҳовиддинов дар мавзӯи "Назари иҷтимоиву сиёсӣ ва фалсафии мардумони Осиёи Марказӣ аз давраи қадим то аввали асри XX" кор мебарад ва бо вуҷуди душвориҳо имтиҳонҳои минимумро бомуваффақият месупорад, аммо ба сабабҳои бemoриву камбизоатӣ таҳсилро тарк намуда, маҷбур мешавад ба деҳа, назди оила ва қарибонаш баргардад.

Дар мактаби деҳа кор мекунад. Баъдан ӯро ба шуъбаи ҷавонони вилоят ҳамчун мутасаддӣ оид ба мактабҳо ба кор даъват мекунанд. Аз моҳи марти соли 1963 вазифаи сарпарастии ҷавонони воҳаро бар дӯш мегирад.

Соли 1964 Юсуф Валиқулов дар шуъбаи маорифи халқии вилоят нозири хонаи бачагон ва мактаб-интернатҳо таъин мегардад. Соли 1965 Донишкадаи омӯзгории Тирмиз аз нав ташкил мешавад ва Валиқуловро ба кор даъват мекунанд. Ба донишҷӯёни ин даргоҳи маърифат аз фалсафа дарс медиҳад.

Соли 1972 ба Афғонистон ҳамчун тарҷимон ба кор даъват мешавад. Соли 1975 ба Ватан бозмегардад ва боз дар донишкадаи омӯзгорӣ (ҳоло Донишгоҳи давлатии Тирмиз) ба кор мепардозад. Аз ин баъд ба корҳои илмӣ машғул мешавад. Зери роҳбарии олими забардаст, профессор П. Ким рисолаи номзадиро ҳимоя мекунад.

Айни ҳол профессор Валиқулов дар кафедраи Таърихи Ӯзбекистон ва фанҳои гуманитарӣ фаъолият дорад. Бо роҳбарии ӯ дар кафедра чандин дастури илмӣ, васоити таълимию методӣ ба нашр расидаанд.

Валиқулов муаллифи очерку мақолаҳои илмии "Ш.Рашидов – тараннумгари дӯстии халқҳои ӯзбек ва тоҷик", "Сарвари маорифчиёни Сурхондарё", "Академики сурхондарёӣ" ва ғайра мебошанд.

Устод ҳамчун донандаи адабиёти ӯзбек шинохта шудааст. "Мутафаккири бузурги Шарқ "Асосгузори ду адабиёт "Зулфия – тараннумгари баҳор" ва даҳҳо дигар мақолаву очеркҳои муаллиф аз ин шаҳодат медиҳанд. Ӯ ба синну соли худ нигоҳ накарда, тарғибгари фаъоли нашрияҳои тоҷикӣ, аз ҷумла рӯзномаҳои "Овози тоҷик", "Ховар" ва маҷаллаҳои "Дурдонаи Шарқ" мебошад.

Ӯ дар тарҷума низ таҷрибаи кофӣ дорад. Аз эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ, Ҳилолӣ, Ҷалолиддин Румӣ, Ҳозиқ ва дигарон ба ӯзбекӣ, намунаи ашъори Лутфӣ, Саккокӣ, Ҳабибӣ, Чустӣ, Абдулло Орипов, Эркин Воҳидов, Ҷумъаниёз Ҷабборов ва дигаронро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, ки дар матбуоти давраи Тоҷикистону Ӯзбекистон ба табъ расидаанд.

Устод бар ғазалҳои Навоӣ, Муқимӣ, Увайсӣ, Нодира, Саҳбо мухаммасҳо бастааст, ки аз қобилияти шоирии ӯ дарак медиҳад. Ғазалҳои ӯро санъаткорон мехонанд. Дар эҷодиёти вай мавзӯъҳои ахлоқ, панду ҳикмат нақши муҳим доранд.

Муҳаббат ва дилбастагии устод Юсуф Ваљизода ба зодгоҳаш – деҳаи Дарбанд хосатан самимист. Ягон тӯю маърака, ҷашнҳои мардуми маҳал бе иштироки устод намегузарад.

Табиист, ки ин фазилатҳо ва садоқати устод ба ёру диёр барои ҷавонон ибратбахшанд.

**Рамазон АБДУЛЛОЕВ,**
**иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз, раиси Маркази маданияти тоҷикони вилояти Сурхондарё.**

# ҶАМЪБАСТИ «МОҲИ ҲОФИЗХОНӢ»

Гашти пешин гулдухтарони дар бар либоси миллӣ болои мизҳоро бо нозу неъмат оро медоданд. Писарон курсиҳоро рӯйи саҳни мактаб мегузоштанд. Чанд нафари дигар атрофро зебу зиннат медоданд. Ташкилкунандаи чорабинӣ омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Мижгона Хоҷаева ва муаллимони мактаби рақами 19-уми ноҳияи Пастдарғам низ хеле серташвиш буданд. Меҳмонону мизбонон бо кайфияти болида оғози тадбирро бесаброна интизорӣ мекашиданд. Ниҳоят дақиқаи муайяншуда фаро расид ва гулхан афрӯхта шуд. Забонаҳои оташ ба дилҳо фараҳ бахшида, рақскунон ба само қад кашиданд. Ҷамъомадагон бо кафкӯбӣ ба курсиҳои атрофи гулхан нишастанд.

*Даст аз талаб надорам*
*то коми ман барояд,*
*Ё ҷон расад ба ҷонон,*
*ё ҷон зи тан барояд.*
*Бикшой турбатамро*
*баъд аз вафоту бингар,*
*К-аз оташи дарунам дуд*
*аз кафан барояд...*

– Ассалому алейкум ҳозирони гиромӣ, – гуфт баъд аз қироати ин ғазали Хоҷа Ҳофиз, садри чорабинӣ Мижгона Хоҷева, имрӯз мо дар фазои пур аз нури маърифат ҷамъ омадем, то хотираи бузургмарди сухан, орифи равшангуфтор Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозиро пос дорем. Ҳофиз шоире буд, ки суханро ба сеҳр табдил дод. Ишқро ба ирфон бурд ва дилҳои башарро ҷониби равшаниву оромӣ раҳнамун кард. Имрӯз дар ҷамъбасти моҳи ҳофизхонӣ мо на танҳо ашъори ӯро мехонем, балки ба олами сеҳрангези шоир ворид мешавем. Ба ҷаҳоне ворид мешавем, ки ҳар байташ раҳест ба сӯйи покӣ, муҳаббат ва озодии рӯҳ. Ҳар як ғазали ҳазрати Хоҷа Ҳофиз бо ояту сураҳои Қуръони маҷид, бо ҳадисҳои Пайғамбари акрам пероста шуда, ҳамзамон бо ҳама покизагӣ, ширинӣ ва латофат ҷилва менамоянд. Хоҷа Ҳофиз шоири лисонулғайбест, ки инсонро то ба баландтарин дараҷаи камолу шараф бардоштааст.

*Осоиши ду гетӣ тафсири*
*ин ду ҳарф аст:*
*Бо дӯстон мурувват,*
*бо душманон мудоро...*

Хонандагони гурӯҳи тоҷикии мактабамон тадбири бадеӣ тайёр карданд, онро ба шумо – азизони дилу дида пешкаш мекунем.



Садои кафкӯбии дуру дароз саҳни маскани донишро ба ҷӯш овард.

*Дил меравад зи дастам,*
*соҳибдилон, Худоро,*
*Дардо, ки рози пинҳон*
*хоҳад шуд ошкоро.*
*Киштинишастагонем,*
*эй боди шурта, бархез,*
*Бошад, ки боз бинем*
*дидори ошноро...*

Саҳнаи бадеиро донишомӯзони синфи ҳафтум бо қироати хубу дилнишини ин ғазал оғоз бахшиданд. Ғазалҳои шӯрангез дар фазои маҳаллаи «Фурқат»-и шаҳраки Ҷумъа паҳн шуда, дилҳои шунавандагонро ба ваҷд оварданд.

Ба саҳна «Хоҷа Ҳофиз» асозанону ғазалхонон ворид шуд:

*Агар он турки шерозӣ ба*
*даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам*
*Самарқанду Бухороро.*
*Бидеҳ соқӣ, майи боқӣ, ки*
*дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,*
*Канори оби Рукнободу*
*гулгашти Мусаллоро.*

**(Давомаш дар саҳ.4).**

*24 декабр – зодрӯзи Ҷӯрабек Муродов*

# ЁД БОДО ҲАМА ОН ХОТИРАҲО



Овозхони нотакрор Ҷӯрабек Муродов дар солҳои ҳафтодуми қарни сипаришуда зуд-зуд ба шаҳри Хуҷанд меомад. Тавре ба назар мерасид, ҳаводорони савту суруди ҷонбахш ва диловези ӯ дар ин шаҳр боз ҳам зиёдтар.

Тамошои барномаҳои мусиқӣ бо иштироки ӯ дар толорҳои консертӣ осон намекӯчид. Билет намерасид.

Боре бо мақсади дар доираи васеъ ташкил намудани чорабинии маданӣ бо ширкати ҳофизи номвар роҳбарони шаҳр қарор карданд консерти калон дар стадиони марказӣ, ки он вақт «Спартак» ном дошт, ташкил карда шавад. Шояд фикр карданд ҷой, ки васеъ ҳар касе, ки хоҳад дар курсиҳои чандқабатаи стадион баҳузур нишаста, консерт тамошо карданаш мумкин. Дарҳо боз, даромадан бепул. Шояд ба хаёли касе наомада буд, ки мабодо тамошобини аз меъёр зиёд ҷамъ шавад, ногуворӣ рӯй намедиҳад?

Мо, як гурӯҳ донишҷӯён, чанд соат пештар аз оғози консерт аз қатори пеш ҷой гирифтем. Барнома дар соате, ки эълон шуда буд, оғоз ёфт. Тамоми ҷойҳои нишаст аллакай аз тамошобинҳо пур. Вале ба стадион воридшавии одамон ҳанӯз давом мекард. Дермондаҳо маҷбур буданд рост истода консерт тамошо кунанд.

Сарояндагони маҳаллӣ, ҳамчунин чанд овозхон аз Душанбе суруд хонданд. Раққоса ва ширинкорон табъи ҳозиронро хуш гардонданд. Акнун ҳама нигарони баромади Ҷӯрабек Муродов. Як маҳал стадион ончунон аз одам пур шуд, ки ба қавли маъруф, ҷои сӯзанпартоӣ нест. Вале мавҷи воридшавӣ ҳамчунон идома менамуд. Атрофи саҳна низ аз тамошобин пур. Якдигарро теладиҳӣ ва бетартибӣ ба назар мерасид.

Ҳунарпешаи мардумӣ Ғаффор Валаматзода барандагӣ мекард. Аз вазъияти баамаломада мушаввашии ӯ эҳсос мегашт. Дар ҳолати ҳаяҷон вай ба мардум муроҷиат мекард: «Ҳамшаҳрҳо, ба тартиб риоя кунед!»

Вале ҳар кас ҳаракат мекард аз наздиктари саҳна ҷой пайдо кунад. Мо хаёл доштем, ҳамин ки Муродов ба саҳна баромад, ҳама ором мешаванд. Вале ин тавр нашуд. Вақте навбати ӯ расид ва баранда номашро ба забон овард, стадион, хаёле ҷунбид. Вақте намудор гашт, ҳаёҳу ва нидоҳои шавқбахш атрофро фаро гирифт. Дар зери кафкӯбиҳои пурмавҷ вай ба саҳна баромад. Ҳамин тавр, лаҳзае, ки ҳама бо дили беқарор нигарон буданд, фаро расид. Ҳофиз ба сурудхонӣ сар кард:

*Тоҷикистон тӯй дорад дӯстонро*
*интизор,*
*Бӯстон себаргаву оби равонро*
*интизор...*

Издиҳом, ба як тарзи воҳимаангез, ҳанӯз ворид ва якдигарро теладиҳиҳо давом мекард. Ҳис мегашт нафарони зиёде, ки атрофи саҳнаро печондаанд, шояд аз ноилоҷӣ, ба ҳунарварон халал мерасонанд.

Ҷ. Муродов аз сурудан, баъди чаҳор сатр, бозистод. Валаматзода микрофонро ба даст гирифт: «Ҳамшаҳрҳо!»

Вале бефоида... Дид, ки намешавад, Муродов аз саҳна фуромад. Чанд муҳофизи тартибот ӯро аз стадион бароварданд. Консерт, ҳамин тавр, вайрон шуд.

Он воқеаро фаромӯш карда наметавонам. Дида мешуд, ки одамон бо як таассуроти нохуш стадионро тарк мекунанд, охир, умедашон барбод рафт, аз консерти Муродов баҳравар шуда натавонистанд. Вале тангии ҷой сабабгор буд ба ин, хеле сершумории ҳаводорони овозхони номвар.

Баъди соҳиби унвони фахрии баланд – Артисти халқии СССР шудан Ҷӯрабек Муродов дар театри мазҳакавӣ-мусиқии шаҳр, ки номи Пушкинро дошт (алъон ба номи Камоли Хуҷандӣ) чанд рӯз консерт дод. Вале ману рафиқонам даромада натавонистем. Илоҷи ба кассаи театр наздик шудан набуд. Баъдтар мушкили мо, донишҷӯёнро Худо осон кард. Муродов дар ҳамин театр барои донишҷӯён махсус консерт оид намуд. Ройгон. Ҳамон вақт ҳис карда будем вай чӣ тавр даст ва дили кушод дорад.

Ҳофиз дар фуроварди ҳар суруд хотираҳои давраи студентиашро нақл менамуд. Латифаҳо мегуфт доир ба лаҳзаҳои ҳаёти донишҷӯӣ. Ҳамаро механдонд.

Вай соли 1962 факултаи таълими ибтидои ИДПЛ (феълан Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров)-ро хатм намудааст. Дар чорабинӣ устодоне ҳам ба сухан баромаданд, ки ба Ҷ. Муродов дарс дода буданд. Нағз дар хотирам, муаллими фанни адабиёти мо Ваххобов (ҷояшон ҷаннат бод) дар бораи овозхон ҳарфҳои муҳаббатомез заданд. Гуфтанд: «Ҷӯрабекҷон аз беҳтарин донишҷӯйҳо буданд, ба баҳои аъло мехонданд». Баъди он риштаи суханро Муродов ба даст гирифт. «Аз ситоиши устод сарам ба осмон расид. Ман ончунон «аълохон» будам, ки стипендия намедоданд. Баъзеҳо стипендияи аъло, бархе стипендияи Ленинӣ гиранд, яъне «Ленинский», ман институтро танҳо бо стипендияи «Муродский» тамом кардаам».

Якборра толорро ханда фаро гирифт.

Яке мӯйсафеди лоғарандоме намудор гашт, нафаре ӯро рост ба ҷониби саҳна бурд. «Падари Ҷурабек» – гуфт кадоме аз ҳамроҳони мо. Ҳақиқатан ҳамин тавр будааст. Ҳофиз пешвоз баромад, якдигарро ба оғӯш кашиданд, ӯро ба ҳозирин шинос намуд, дар як кунҷи саҳна нишонд ва рубоб ба даст гирифт, суруди «Падарҷон» (шеъри Лоҳутӣ)-ро хонд. Мехонд ва ҳар замон ба мӯйсафед бо камоли эҳтиром таъзим мекард.

Доир ба ҳаёт ва фаъолияти овозхони забардаст синамогарони тоҷик ду телефилм офаридаанд: «Ҳофизи мо» (1979, коргардон А. Қуддусов), «Торҳои дил» (1980, коргардон Л. Налоев).

Яке аз ин телефилмҳо дар колхози ба номи Ӯрунхоҷаеви ноҳияи Хуҷанд ба навор бардошта шудааст. Дар ҷараён ман ҳам иштирок карда будам. Чӣ қадар одамони зиёд ғун омада буданд, нағз дар хотирам. Фонограмма истифода мегашт – садои мавсуф аз магнитофон ба атроф паҳн мешуду вай лаб меҷунбонд. Кадоме овоз баланд кард: «Магнитофонро доим мешунавем. Шумо хонед!»

Ҳофиз сухани ҳаводори худро беэътибор нагузошт: «Киночиҳо корро тамом кунанд, албатта мехонам».

Баъди навор консерти воқеӣ баргузор гашт.

Кайфияти ҳама аъло.

Дар ҷойи истодааш: «Дили модар» шавад!», таклиф кард кадоме. Муродов гуфт: «Ҷонам фидо!»

Вай, чун ҳамешагӣ, ҳам суруд мехонд, ҳам бо нақлҳои кӯтоҳи шавқбахш табъи умумро хуштар мегардонд.

Вақти иҷрои суруди «Кокул» (шеъри Б. Раҳимзода) ба назди яке аз созандагон, ки мӯйи сарашро тоза тарошида буд, мерафт ва бо даст ба сари ӯ ишора месохту мехонд: «Илтиҷо дорам, ки мӯятро мабур...»

Халқ ба завқ меомад, кафкӯбиҳо то дер давом мекард.

Дар солҳои ҳаштодум «Ҷӯрабеки Мурод мехонад» ном шеъри ман дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик»-и имрӯз) чоп шуд. Баъдтар ин шеърро «Совет Ӯзбекистони» ҳамроҳ бо як шеъри дигарам ба табъ расонд. Шеърҳоро устод Ҷонибек Қувноқ ба ӯзбекӣ баргардонда буд, вале аз чӣ бошад, дар рӯзнома номи мутарҷим зикр наёфта.

*Дар диёри фасонаҳо моро*
*Гӯиё Шаҳрзод мехонад.*
*Дар диёри таронаҳо вақте*
*Ҷӯрабеки Мурод мехонад.*

Нигаред, устод Ҷонибек шеърро чӣ тавр ҳунарварона ба ӯзбекӣ гардондааст:

*Афсоналар ўлкаси томон*
*Чорлаб турар гўё Шаҳризод*
*Тароналар диёри аро*
*Куйлаганда Жўрабек Мурод.*

*Ошиқ булбул ошифтаю лол,*
*Қўшиқ бошлар гулни этиб ёд.*
*Тин олар лек, булбул мисоли*
*Куйлаганда Жўрабек Мурод.*

*Нола қилса юрак-юракдан,*
*Тошбағир ҳам этади фарёд.*
*Тоғу тош ҳам эрийди, ҳатто*
*Куйлаганда Жўрабек Мурод.*

*Дардимизни шарҳ этар гўё,*
*Не кўйларга тушар одамзод.*
*Дард ҳам гарддек тўкилар*
*бир зум,*
*Куйлаганда Жўрабек Мурод.*

*Ғамга мотам келтирар гоҳи,*
*(Ғам кўрмасин!)*
*Дилни этар шод.*
*Кафт очарлар дуога онам,*
*Куйлаганда Жўрабек Мурод.*

Умри овозхони бузург ва таронаҳои дилангези ӯ дароз бод.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.**
*ТОШКАНД.*

***Аксбардор: Т. ХОВАРӢ.***

# ДУРНАМОИ МУСИҚИШИНОСИИ МУОСИР МУҲОКИМА ГАРДИД

***Дар Донишкадаи санъати мусиқии миллии Ӯзбекистон ба номи Юнус Раҷабӣ конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти мавзӯи «Дурнамои мусиқишиносии муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ» баргузор гардид.***
***Дар ин анҷуман, ки бо ҳамкории Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия ва Вазорати фарҳанги Ӯзбекистон баргузор шуд, мусиқишиносони Тоҷикистон ва Озарбойҷон низ иштирок карданд.***



Дар чорабинӣ аҳамияти байналмилалии мероси илмии мусиқишинос Файзулло Кароматов, дурнамои мусиқишиносӣ ва мусиқишиносии муосир баррасӣ гардид.

– Анҷумани имрӯзаи мо ба муносибати садсолагии Арбоби шоистаи илми Ӯзбекистон, дорандаи ордени «Эл-юрт ҳурмати», доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Файзулло Кароматов, ки дар рушди соҳаҳои илми мусиқишиносӣ, фолклоршиносӣ ва этномусиқишиносӣ саҳми беандоза гузоштааст, баргузор мегардад, — гуфт ректори Институти санъати мусиқии миллии Ӯзбекистон Элдор Шерманов. — Маҳз бо хидматҳои ҳамин шахс садҳо оҳанг ва сурудҳои мардумӣ, ки намунаҳои мероси фарҳангии ғайримоддӣ ба шумор мераванд, сабт ва аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ карда шуданд. Маҷмӯи нотаҳои Шашмақом, ки аз ҷониби Юнус Раҷабӣ нотагузорӣ шудаанд, низ таҳти таҳрир ва роҳбарии Ф. Кароматов нашр шуданд.

Имрӯз рақамикунонӣ дар ҳама соҳаҳо босуръат татбиқ мегардад. Тибқи маълумоти соли 2024, рақамикунонии асарҳои мусиқӣ дар саросари ҷаҳон 60 фоизро ташкил додааст. Табиист, корҳое, ки дар ин самт дар кишвари мо амалӣ мегарданд, мусбат арзёбӣ намешаванд, масалан, мо метавонем тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ танҳо оиди 10 фоиз аз 34 нафар ҳофизони халқ, ки имрӯз ҳам бо эҷод машғул ҳастанд, маълумоти пурра ба даст оварем.

Оҳангсоз Рустам Абдуллоев дар бораи мушкилоти тайёр кардани кадрҳо дар соҳаи мусиқӣ ва ба сатҳи байналхалқӣ баровардани онҳо ҳарф зад.

— Бузургии баъзе шахсон бо мурури замон эҳсос мешавад, — гуфт Р. Абдуллоев, — Файзулло Кароматов қариб ба ҳамаи мавзеъҳои кишварамон сафар карда, “Шашмақом”, “Сувораҳои Хоразм” ва сурудҳои зиёди мардумиро ҷамъоварӣ намуда, ба онҳо умри дубора бахшид. Дар симпозиум ва конфронсҳои байналхалқие, ки дар Италия, Англия, Русия, Полша, Олмон баргузор мегардид, иштирок намуда, бо мусиқишиносони ҷаҳон аз наздик шинос мешуд, таҷриба меомӯхт.

Ҳоло дар саросари кишварамон 321 мактаби мусиқӣ фаъолият мекунад. Мушкилии мо ба кадрҳое, ки онҳоро таълим медиҳанд, вобаста аст, аз ҷумла, мутахассисони мусиқии классикӣ ва таърихи он ангуштшуморанд...

Боз як масъалаи дигар, мардум бояд тафовути байни санъати касбӣ ва ҳаваскориро донанд: санъати ҳаваскорӣ ба осонӣ инкишоф мёбад, ҳадафи асосии мо рушди навъи санъати касбӣ мебошад.

— Падари ман дар оилаи хушбахт таваллуд шудаанд, — гуфт духтари Файзулло Кароматов, доктори фалсафа оид ба фанҳои санъатшиносӣ Дилором Кароматова, — ҳарчанде ки солҳои 30-40-уми асри гузашта аз ҷиҳати иқтисодӣ солҳои вазнин буданд, бо дастгирии падару модар аввал навохтани ғиҷҷак, баъд скрипкаро омӯхтанд. Дар солҳои аввали Ҷанги дуюми ҷаҳон ба Тошканд омада, аз мусиқишинос ва бастакорони номӣ В. Успенский, В. Беляев ва Ю. Тюлин сабақ гирифтанд.

— Ҳангоми оғози фаъолияти илмии худ дар бораи танбӯр дониши кофӣ надоштам, — гуфт яке аз шогирдони тоҷикистонии Файзулло Кароматов, номзади илмҳои санъатшиносӣ Абдувалӣ Абдурашидов, – аммо, таҳти роҳбарии устод Файзулло Кароматов пас аз 15 сол кори илмии худро доир ба танбӯр ҳимоя кардам. Баъдтар мо бо устод дар Душанбе Академияи мақомро таъсис додем.

Гуфта шуд, ки Ф. Кароматов дар саросари кишвари мо ва Осиёи Марказӣ ба беш аз 30 экспедитсияи мусиқишиносӣ сарварӣ намудааст. Соли 1972 бо сарварии ӯ дар Консерваторияи давлатии Тошканд аввал кафедра ва дертар дар заминаи ин кафедра факултаи мусиқии Шарқ ташкил гардидааст ва ҳамин тавр заминаи илми мусиқишиносии миллӣ гузошта шудааст.

Таҳти роҳбари илмии Кароматов шогирдон аз Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Қазоқистон, Русия, Бошқирдистон тарбия ёфтаанд. Саҳми Ф. Кароматов дар ташаккулёбии мусиқишиносони номии Тоҷикистон Аскаралӣ Раҷабзода, Аслиддин Низомов, Фароғат Азизӣ, Абдувалӣ Абдурашидов, Баҳринисо Қобилова зиёд аст.

Рисолаҳои ӯ дар ИМА, Олмон, Полша, Руминия, Ҷопон, Туркия, Булғория ва чандин кишварҳои олам ба табъ расидаанд. Зери роҳбарии ӯ 30 нафар рисолаи номзадӣ ва 9 нафар рисолаи санъатшиносиро дифоъ намудаанд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

# ҶАМЪБАСТИ «МОҲИ ҲОФИЗХОНӢ»

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

Дар адабиёти ҳар халқ таронаҳое ҳастанд, ки чун як пораи алмоси дурахшон рӯҳу табиати миллатро бо тамоми шаҳомату бузургиаш ҷилва медиҳанд. Онҳо ба дилҳо ошён гузошта, чун пайки садоқату муҳаббат аз насл ба насл, аз қарн ба қарн мегузаранд, ҷовид мемонанд. Сеҳри каломи шоир дили муштоқонро ба тапиш меоварад. Ғазалҳои «Ҷӯйи Мӯлиён»-и Устод Рӯдакӣ ва «Эй сорбон»-и Шайх Саъдӣ аз ҷумлаи чунин таронаҳо ҳастанд. Сухани пурмуҳтавову лаҳни Рӯдакиест, ки ба дили амири Сомонӣ инқилоб барангехту ӯро дар иштиёқи Ҷӯйи Мӯлиён, насими ҳаётбахши канори он ва манзараҳои дилнишини иқоматгоҳ роғибу рафтагор сохт. Ҳангоме ки ғазали мазкури Саъдӣ дар фазои бекарон танинандоз мегардад, дилҳои чун реги биёбон хуфта ҳам, чун аз нидои ҷарас бедор мешаванд.

Ғазали Ҳофиз «Агар он турки шерозӣ» низ аз сурудҳои машҳуртарини порсиву тоҷикист, ки аз замони офаринишаш то имрӯз ақлҳоро мафтуну дилҳоро волаву шайдои хеш месозад. Вай аз марзҳои милливу минтақавӣ убур карда, Шарқу Ғарбро ба шӯр овардааст.

Аз қарни XIV то имрӯз ин ғазал ба чандин забони халқҳои олам тарҷума шудааст. Дар асрҳои баъдӣ бисёр шоирон чун Ҷомиву Навоӣ, Сойиб, Сайидо, Шавкат, Содиқи Муншӣ, Нозим, Ғанӣ ва ғайра ба ин ғазали Ҳофиз мухаммас бастаанд ё онро тазмин кардаанд. Дар асри XIX ховаршиноси машҳур Фон Ҳаммер ғазалро бо маҳорати тамом ба забони олмонӣ баргардонд. Он ба шоири бузург Ҳёте илҳом бахшид. Тарҷумаи Ҳаммер ба кишварҳои дигари Аврупо роҳ ёфт. Шоири номвари рус Александр Фет ғазалро аз олмонӣ ба русӣ тарҷума кард. Адиби бузурги рус Лев Толстой ғазалро дар тарҷумаи Фет хонда, зери мисраи «Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо» хат кашидааст, ки шояд бино ба мазмуни ҳакимонаву фалсафиаш ба андешаҳои Толстой наздику қарин будааст. Дар асри XX ғазалро академик Ф. Корш аз асл ба русӣ, А. Кримский ба украинӣ баргардонданд...

Нақши Ҳофизро Шероз Ӯктамов бо маҳорат иҷро намуд. Умуман, ҳамон донишомӯзон ғазалҳоро бо овозу лаҳни хуш қироат карданд.

Хидирназар Элназаров бо сурудаш дили бинандагону иштирокчиёни тадбирро ба шавқу ҳаяҷон овард. Хонандагони нишаста ҳам ба ӯ бо кайфияти болида ҳамовоз шуданд. Марҷона Элназарова бошад, бо танбур суруд хонд. Дастаҳои рақсии писарони шӯхтабиат ва гулдухтарони зебо зери садои савту суруд ва кафкӯбии ҳозирон бо рақсҳои зебо ба чорабинӣ шукӯҳи хоса бахшиданд.

– Ташаккурҳои зиёд ба ташкилкунандагони чорабинӣ, худро гӯё дар толори консертӣ ҳис намудам, – гуфт омӯзгори собиқадор Нигина Аҳророва. – Ҳангоми дарс «паст нахон, шарм надор, шеър аз ёд кун», гуфта, шуморо сарзанишу танбеҳ медодам. Вале ҳоло бо боварии комил гуфта метавонам, ки қироатҳоятон ба дараҷаи аъло буд. Имрӯз инро дар тадбир исбот кардед.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ бо сарварии директори мактаб Анвар Мардонов ба иштирокдорони фаъол Шоҳҷаҳон Муродов, Рустам Ҳайдарбеков, Фозил Худойназаров, Ҷавоҳир Элназаров, Шабнам Мусулмонова, Меҳрубон Фахриддинова, Машҳурбек Холмаҳмадов, Таҳмина ва Ганҷина Муродоваҳо, Шаҳзод Ашӯрбеков, Шаббона Абдуҳафизова, Сорбон Ҳайдарбеков туҳфаҳо супурда шуданд. Сипас сарвари мактаб моҳи ҷориро «Моҳи Ҷомихонӣ» эълон кард.

Хуршед осмонро тарк гуфту дар бурҷи шом моҳ пайдо шуд. Фалак ҳиҷоби торикиро ба рӯ кашид, аммо тамошобинону иштироккунандагон майли рафтан надоштанд. Садои форами суруди «Шаб ба хайр» то дуриҳои маҳалла танинандоз гардид, дар атрофи гулхан падару модарону омӯзгорон, донишомӯзон, ки дар чеҳраҳояшон акси хушиву қаноатмандӣ ҳувайдо буд, то дергоҳ дастафшону пойкӯбон рақсу бозӣ карданд.

**Комил ҶӮРАЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ШАБИ ЯЛДО: АНЪАНА, ҶАШН ВА ФАЛСАФАИ ИҶТИМОӢ

***«Шаби Ялдо», ки дар адабиёт бо номи “шаби чилла” низ маъруф аст, яке аз қадимтарин ҷашнҳои тамаддуни эронист. Ин ҷашн бо оғози инқилоби зимистонӣ – дарозтарин шаб ва кӯтоҳтарин рӯзи сол иртиботи мустақим ва реша дар андешаи рамзии муборизаи рӯшноӣ бо торикӣ дорад. Тамаддунҳои куҳан барои муқобила бо сармо, торикӣ ва тарси зимистон маросимҳое ба роҳ мемонданд, то тавассути нерӯи ҷамъиятӣ ва рамзӣ мафҳумҳои «нур» ва «умед»-ро бозофаринӣ кунанд.***



Дар Эрон анъанаҳои марбут ба Ялдо, махсусан дар қарнҳои охир шакли устувор гирифтаанд: хондани шеър (ба вижа девони Ҳофиз), қиссагӯӣ, гирдиҳамоии хонавода, фурӯзон кардани шамъ ё оташ ва истеъмоли хӯрокҳои рамзӣ (монанди тарбуз, анор, меваҳои хушк) аз унсурҳои асосии онанд. Фалсафаи ин маросим амалӣ аст: омезиши ҳифзи мероси фарҳангӣ (шеърхонӣ ва қиссаворӣ) бо эҷоди ҳамбастагии иҷтимоӣ. Хонаводаҳо дар тӯли дарозтарин шаби сол ба ҳам меоянд, хотираҳоро ба ёд меоранд ва ба оянда бо умед менигаранд.

Аз нигоҳи рамзшиносӣ, тарбуз ва анор бо ранги сурхи худ рамзи «нур», «зиндагӣ» ва «навшавии ҳаёт» ба шумор мераванд, ширинӣ ва хӯрокҳои серқувват низ ҳамчунин. Ин пайванд миёни табиат, рамз ва маросимҳои иҷтимоӣ, Ялдоро ҳамчун падидаи фарҳангии гуногунҷабҳа ва маҳалливу минтақавӣ нишон медиҳад.

Бояд гуфт, ки ҳар як минтақа шаби Ялдоро бо анъанаҳои гуногун ҷашн мегиранд, аммо чанд унсури муштарак низ мавҷуданд. Масалан, ҷамъ омадани аҳли хонавода ва меҳмоннавозӣ қисми марказии ҷашн ба ҳисоб меравад. Ин амал барои таҳкими риштаҳои хешовандӣ ва пурзӯр кардани мулоқоти авлодҳо мусоидат мекунад.

Хондани матнҳои манзуму ҳамосӣ ва фол гирифтан аз “Девон”-и Ҳофиз низ яке аз муҳимтарин ойинҳо аст, ки ҳам ҷанбаи тафреҳӣ дорад ва ҳам маънавӣ.

Хӯрокҳои рамзӣ низ ҷузъи ҷудонопазири ҷашн мебошанд ва ҳар навъи таому маҳсулоте, ки рӯйи дасторхони идона гузошта мешавад, рамзи хосаи худро дорад. Масалан, тарбуз – рамзи рӯшноӣ ва тобистони гузашта, анор – фаровонӣ ва ҳосилхезӣ, хурмо, чормағз, ширинӣ ва меваҳо – ҳама рамзи баракат, хайр, рӯзӣ ва фаровониянд.

Ҳамзамон, қиссагӯӣ, афсонагӯӣ ва бозгӯии хотираҳо нақши муҳимро иҷро мекунад. Дар баъзе минтақаҳо фурӯзон кардани оташи хурд ё шамъ, баргузории бозӣ ва сурудҳои маҳаллӣ маъмул аст.

Аз дидгоҳи иҷтимоӣ, Ялдо чанд вазифаи муҳим, чун таҳкими ҳувияти миллӣ ва қавмӣ, пойдор нигоҳ доштани арзишҳо байни наслҳо ва эҷоди шабакаи дастгирӣ дар саххтиҳои фасли сарморо иҷро мекунад. Албатта, дар шароити шаҳр мумкин баъзе ойинҳо тағйир ёфта бошанд, вале бисёре аз унсурҳои суннатӣ ба шакли рамзӣ ҳифз шудаанд.

Дар Осиёи Марказӣ низ ҷашнҳое вобаста ба тағйири фасл вуҷуд доранд, аммо унсурҳои дақиқи онҳо фарқ мекунанд. Масалан, ҷашни Наврӯз, ки танҳо аз лиҳози рамзиву замонӣ фарқ дорад.

Дар миёни ӯзбекистониҳо низ дар шабҳои сарди зимистон гирдиҳамоии хонаводагӣ вуҷуд дорад – меҳмонон бо чой, нон, хӯрокҳои маҳаллӣ, мева ва шириниҳо пазироӣ мешаванд. Шабнишиниҳои онҳо аксаран иҷрои сурудҳои фолклорӣ, мусиқии маҳаллӣ ва қиссагӯиро дар бар мегиранд, ки аз баъзе ҷиҳат ба шаби Ялдо шабоҳат доранд.

Фарқият бештар дар ном, шакл ва муҳтавои адабӣ дида мешаванд. Эрониён бештар ба Ҳофиз ва матнҳои адабӣ такя мекунанд, дар ҳоле ки ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ бештар ба ривоятҳои маҳаллӣ, достонҳои мардумӣ ва мусиқии бумӣ рӯ меоранд. Дар баъзе минтақаҳо унсурҳои мазҳабӣ низ дида мешаванд.

Бо вуҷуди ин, фалсафаи умумии ҳамаи ин ойинҳо ба таърих ва фарҳанги маҳаллӣ вобаста буда, як маънои аслӣ доранд: ёдоварии пирӯзии рӯшноӣ бар торикӣ, умед ба оянда, шодмонӣ, ҳамбастагӣ, меҳрубонӣ, сулҳ ва ҳамзистӣ. Ва албатта омӯхтани чунин анъанаҳо барои дарки амиқтари мулоқоти фарҳангӣ ва равобити тамаддунии кишварҳоямон хидмат мекунад.

**Ҳасан САФАРХОНӢ,**
**ройзани фарҳангии сафорати Эрон дар Ӯзбекистон.**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 3676. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30



**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.



Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.